*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062*
*назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон*
*(суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – Усманова Туфа Ҷумаевна ба диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи “Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат мекунанд: 1.3. Ташаккулдиҳии муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсия-ҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шаклу тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилди-ҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолия-ти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Баҳо-диҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ; 1.21. Такмилдиҳии маблағ-гузориҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инно-ватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ; 1.29. Такмили методологияи идораку-нии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақами-кунонии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ш.К. Садиқоваро мубрам, муҳим ва дорои аҳаммияти илмию амалӣ шуморидан мумкин аст. Дар шароити гузариш ба модели инноватсионии рушди иқтисодиёт сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии пешбарандаи рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Бояд қайд кард, ки солҳои охир дар Тоҷикистон зарурати бартараф кардани мушкилоти фарқияти дараҷаи инноватсионии рушд бо кишварҳои дигар сабаби таълифи теъдоди зиёди асарҳои илмӣ вобаста ба ин мавзуъ гардидааст. Дар шароити муосир бештари таҳқиқотҳои илмӣ дар алоқамандӣ бо таъмини муҳити институтсионалӣ - инноватсионӣ бо такя ба инкишофи сармояи инсонӣ пешкаш гардида истодаанд, ки ҳар яке ба таври хос муаммоҳои мавҷуда ва роҳҳои бартараф кардани онро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Дар баробари ин, зарур аст, ки муаллифони асарҳои илмӣ нигоҳи махсуси худро дар робита ба мафҳум, моҳият, мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳаллу фасли муаммоҳои мавзуи диссертатсияи худро дошта бошанд.

Мавқеи муаллифи диссертатсияи тақризшаванда дар мавриди омӯзиши нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ, ки фарогири тадқиқи механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ, омӯзиши ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ мебошад, қобили қабул аст ва онро дар илм самти нав шуморидан мумин аст.

Диссертатсияи Садиқова Ш.К. аз таҳқиқотҳои дигар бо равиш ва услуби хоси худ, бо таҳлил ва омӯзиши амиқ ва маълумоту далелҳои мантиқан дурусти пешниҳодгардида фарқ мекунад, ки сатҳи хуби омодагии муаллифро собит менамояд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти ҷойдошта, зарурияти ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию усулӣ ва амалӣ, интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои диссертатсияро асоснок намудаанд.

Мақсад, вазифа, объект, предмет ва пойгоҳи таҳқиқот, навоварӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дуруст ва мантиқӣ таҳия гардидаанд.

Унвонҷӯй кӯшиш намудааст, ки рисолаи худро дар доираи талаботи мавҷудаи рисолаҳои номзадӣ нависад, яъне мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мавзуъҳои илмӣ, ҳадаф, вазифа, объект, предмет, фарзия, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашма, пойгоҳи таҳқиқот, навгонӣ, нуқтаҳои ҳимояшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот ва ғ. ба инобат гирифта шудааст, ки паҳлуҳои мантиқии рисолаи тақризшавандаро пурқувват намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳқиқоти илмии гузаронидашуда бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асоснок кардани муқаррароти назариявию амалии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ва таҳияи тавсияю пешниҳодҳо ҷиҳати фаъолгардонии ниҳодҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ иборат мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда муаллиф вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо дар навбати худ ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Ҳамин тавр, ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

- муқаррароти назариявии механизми такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мушаххас шуда, он имкон медиҳад, ки вазифа ва функсияҳои ниҳодҳои иқтисодиву иҷтимоии ташаккули қобилиятҳои инноватсионии захираҳои меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсионӣ муайян карда шаванд, омилҳои таъсиррасон ба эҷоди муҳити мусоиди ниҳодии рушди сармояи инсонӣ ошкор карда шаванд. Дар ин замина, нуктаи назари муаллиф дар

робита ба мафҳуми сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки онро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳои табиӣ ва ҳосилнамудаи шахс таъриф менамояд, ки дар асоси сармоягузорӣ ба тафаккури эҷодии ӯ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти навҷорисозӣ ташаккул меёбад;

➢ ҷанбаҳои методии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас гардонидани принсипҳои асосии сармоягузорӣ ба рушди он мушаххас шудаанд, ки имкон додааст ду гурӯҳи принсипҳои нав пешниҳод гарданд, ки ба такмили муҳити институсионалию инноватсионии рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд;

➢ муҳити институтсионалии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои илмию таълимии инкишофи он арзёбӣ гардида, ҷанбаҳои мусбат ва манфии он баҳогузорӣ шудаанд, ки имкон дод хусусиятҳои хоси робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои мухталиф дар раванди такмили тафаккури инноватсионии муҳассилин ошкор карда шуда, таззодҳои сохторӣ, меъёрӣ ва ташкилии ҷараёни ташаккул ва истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ мушаххас гардад;

➢ ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва меҳнат дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ таҳқиқ шуда, омилҳои муассир ба эҷоди коҳиши ҳамоҳангӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ҷудо карда шудаанд, ки баёнгари тафовути сатҳи омоданамоии мутахассисон ба талаботҳои бозори меҳнат мебошад. Дар ин замина ба омили “тафовути технологии низоми таҳсил ва бозори меҳнат” ҳамчун сабаб ва натиҷаи халалдор шудани тавозуни арза ва тақозо дар бозори меҳнат таъкид шуда, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ чун роҳи ҳалли масоили бавуҷудомада, пешниҳод гардидаанд;

➢ механизми институтсионалии ташаккули кластерҳои илмию таълимӣ ҳамчун муҳити мусоид ҷиҳати рушди инноватсионии сармояи

инсонӣ коркард ва самтҳои асосии стратегияи ташаккули он дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои сохтории кластерии илмию таълимӣ ва инфрасохтори махсуси зерсистемаҳои инноватсионии минтақавӣ муайян карда шудаанд, ки роҳандозии он аз як тараф ба ташаккули тавонмандиҳои инноватсионии мутахассисон ва аз тарафи дигар, барои аз байн бурдани тафовутҳои тавозуни арзаву тақозо дар бозори меҳнат мусоидат хоҳад кард;

- маҷмуи тавсияҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ дар раванди рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ бо таваҷҷуҳ ба суръат бахшидан ба омӯзиши касбии кормандон, ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии фарогир ва таъмини ангезаи омӯзиш байни муҳассилон пешниҳод гардида, консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ коркард шудааст.

Дар диссертатсия мазкур натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки шомили нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- таърифи мунҳасир ба фарди муаллиф дар робита ба мафҳуми сармояи инсонӣ, ки ҷараёни такрористеҳсолӣ онро чун натиҷаи алоқамандӣ ва ҳамбастагии ниҳодҳои мухталифи расмиву ғайрирасмӣ ва меъёриву сохторӣ ҷиҳати омода намудани неруи рақобатпазири корӣ тавсиф намуда, нишондиҳандаи асосии самараи ҳамбастагии мазкурро ташаккули тавонмандии инноватсионӣ пешниҳод менамояд;
- сохтори муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ, ки қонуниятҳои таъмини ҳамбастагии ниҳодҳои мухталифи инкишофи сармояи инсониро (оила, муассисаҳои таълимӣ, ширкатҳо, давлат ва ғ.) бо таваҷҷуҳ ба таъмини ангезаи кофӣ ҷиҳати суръат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ нишон медиҳад;
- модели иқтисодиву риёзии муҳосибаи омилҳои муассир ба раванди шаклгирии муҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсолии сармояи инсонӣ;

➢ модели ҷонсептуалии кластери илмию таълимӣ, ки микромуҳити институтсионалӣ-инноватсионии такрористеҳсоли сармояи инсониро инъикос менамояд;

➢ равиши системавии рушди сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, ки сармояи зеҳниро дар сохтори омилҳои таъмини мувофиқати бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат ба сифати омили калидӣ таъриф менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Кори диссертатсионии Ш.К. Садиқова ки барои тақриз пешниҳод гардидааст, бо навовариҳо, равиши илмии таҳлили мушкилоти ҷойдоштаи мавзуъ ва тафсири назариявӣ ва методологии ба худ хос диққатҷалбкунанда мебошад. Ҳолатҳои дар боло қайдшуда дар ҳамбастагӣ бо заминаи далелҳои асосноки натиҷаҳои пешниҳодшуда, муаллифи рисоларо ҳамчун олими бакамолрасида муаррифӣ мекунанд. Дар баробари ин, бояд иброз дошт, ки равиши ташаккули муҳити инстиутсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ, ки дар диссертатсияи тақризшаванда кор карда баромада шудааст, барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамчунин, асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои зиёди илмии олимони ватанию хориҷиро дар доираи мавзуи мазкур самаранок истифода бурдааст. Саҳеҳ будани маълумот бо гузаронидани таҷрибаҳо, монандии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодот бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок гардидаанд. Автореферат ва мақолаҳои илмии таълифгардидаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуни асосии дисссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот

барои таъмини ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф заминаи татбиқи донишҳои илмӣ оид ба ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсониро дар фаъолияти амалии сохторҳои давлатӣ фароҳам меоварад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки принсипҳои асосии методӣ ва пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркардшуда, тавсияҳои таҳияшуда ва пешниҳодҳои дар асоси онҳо омодагардида метавонанд аз тарафи ниҳодҳои давлатӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, асосноккунии самтҳо ва арзёбии самаранокии рушди инноватсионии низомҳои иқтисодӣ, омилҳо, сохтор, самтҳо, роҳҳо ва механизмҳои ташкилию иқтисодии рақамикунонии соҳаҳои хоҷагии халқ истифода бурда шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштаанд. Мафҳуму моҳияти ташаккулёбии сармояи инсонӣ, таъсири сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, хусусиятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба вазъи инкишофи сармояи инсонӣ омӯзиши ҳолати кунунии бозори меҳнат, таҳлили рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ ва ғ. аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар солҳои 2016-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Идоракунии ҳайат», «Назарияи сармояи инсонӣ», «Менеҷменти инноватсионӣ», «Иқтисодиёти рақамӣ», «Иқтисоди институтсионалӣ» ва ғайра истифода шаванд.

**Сохтор ва мазмуни диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Бобҳои рисолаи илмӣ бо пайдарҳамии мантиқи масоили назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқоти самтҳои афзалиятноки ташаккули муҳити институсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсониро инъикос менамояд.

**Дар муқаддима** (саҳ. 4-15) аҳаммияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ шарҳу тавзеъ дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳошаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф шуда, ба таври мухтасар инъикос гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ. 16-68).

Дар зербоби 1.1. асосҳои назариявии омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳуму моҳияти сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ва таъсири муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ ба рушди сармояи инсонӣ аз нигоҳи олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардида, натиҷагирӣ карда шудааст (саҳ. 16-34).

Дар зербоби 1.2. диссертант муҳимтарин ҷанбаҳои методии таҳқиқи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсиониро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Диссертант дар ин маврид қайд кардааст, ки неруи инсонӣ ҷузъи захираҳои инсонӣ буда, танҳо дар шароити муайяне ба сармояи инсонӣ табдил меёбад, ки саҳми он ба марҳилаи рушди ҷомеа таъсирбахш бошад. Ба андешаи Ш.К. Садиқова хусусияти иқтисодиёти инноватсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки нақши махсуси захираҳои инсонӣ дар таркиби иқтисодиёт мебошад, ки қобилияти системаҳои иқтисодию

иҷтимоиро барои ҷалби самараноки технологияҳои нав дар гардиши иқтисодӣ муайян мекунад (саҳ. 34-50).

Муаллиф дар зербоби 1.3. механизми ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсониро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Инчунин, муаллиф ақидаҳои асосгузорони мактаби институтсионалиро пайравӣ намуда, оид ба масъалаи мазкур як қатор пешниҳодҳои муфид намудааст, ки ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегарданд. Дар ин замина Ш.К. Садиқова қайд кардааст, ки ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар зери таъсири муҳити институтсионалӣ сурат мегирад. (саҳ. 50-68).

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Таҳаввулоти институтсионалии муҳити такрористеҳсолии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 69-117).

Дар зербоби 2.1. таҳлили асосҳои институтсионалии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф махсус қайд намудааст, ки дар шароити муосир соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии мутахассисони ватанӣ дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ ба шумор меравад (саҳ. 69-87).

Дар зербоби 2.2. таҳлил ва арзёбии ҷанбаҳои институтсионалии ҳамкориҳои мутақобилаи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд (саҳ. 87-102).

Дар зербоби 2.3. равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба андешаи Ш.К. Садиқова иқтидори инноватсионии шахс дар муҳити навоварона ташаккул меёбад, ки ба табдили имкониятҳо ба тавоноӣ мусоидат мекунад (саҳ. 102-117).

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Самтҳои рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқ шудаанд (саҳ. 118-163).

Дар зербоби 3.1. рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ асоснок карда шудааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимӣ ба шумор меравад (саҳ. 118-130).

Дар зербоби 3.2. хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баррасӣ гардидааст. Ба андешаи муаллиф яке аз тамоюлҳои муҳим ва фарқкунандаи ҷаҳони муосир инкишофи босуръат ва густариши фановариҳои рақамӣ ба шумор меравад. Таъсири иқтисоди рақамӣ ба сармояи инсонӣ баҳси муфассалест, ки перомуни он андешаҳо ва нуқтаи назарҳои мухталиф пешниҳод шудаанд ва то ҳоло дар маърази баҳсу ихтилоф қарор дорад (саҳ. 130-147).

Дар зербоби 3.3. консепсияи рушди сармояи зеҳнӣ дар асоси ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи Ш.К. Садиқова аз нуқтаи назари стратегӣ, сармояи зеҳнӣ барои эҷод ва баланд бардоштани арзиши ташкилӣ истифода мешавад, ки дар он нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ якҷоя карда шуда, тахти таъсири иқтисодиёти дониш бодиққат инъикос карда мешаванд ва барои идоракунии он маълумоти дақиқтар пешниҳод мегардад (саҳ. 147-163).

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи пешниҳодшуда аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 192 саҳифаи матни компютерӣ омода шуда,

фарогири 15 ҷадвал ва 22 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт ба мавзуи таҳқиқшаванда мувофиқ буда, 178 номгӯйро дар бар мегирад.

Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна бо забони давлатӣ навишта шуда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯйи талабот буда, мавқеи хоси назариявию амалиро соҳиб гаштааст. Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро бомуваффақият гузаштааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 22 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА.** Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраротн Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи унвонҷӯй самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар қисмати назариявию методии диссертатсия усулҳои чен кардани дараҷаи рушди сармояи инсонӣ дар вобастагӣ ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсионӣ пурра шарҳ дода нашудааст.

2. Муаллиф дар диссертатсия аз корҳои илмии олимони хориҷӣ бомаврид истифода намудааст, вале таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ омӯхта нашудааст. Ба манфиати кор мебуд, агар таҷрибаи баъзе аз кишварҳо оид ба масъалаи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор мегирифтанд.

3. Унвонҷӯй дар ҷадвали 2.1.1. оид ба асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрииислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи якчанд консепсия ва барномаҳои соҳавиро овардааст (саҳ.74-75). Аммо моҳияти ин консепсия ва барномаҳои соҳавӣ ба таври муфассал (давраҳои татбиқ, натиҷаҳо, мушкилоти ҳалнашуда ва ғ.) маънидод нагардидаанд.

4. Дар саҳифаи 137-и диссертатсия дар расми 3.2.1. унсурҳои иқтисодиёти рақамӣ оварда шудааст. Агар ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавариди таҳқиқ қарор мегирифт, беҳтар мебуд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва сифати воқеии рисолаи диссертатсиониро паст намекунанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Кори илмии тақризшаванда дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсияи номзадии тақризшаванда бо масъалагузорӣ, мубрамият, дараҷаи навоварӣ, хулосабарорӣ, аҳаммияти назариявӣ ва

амалии худ таҳқиқоти арзанда ва дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Муаллифи кори диссертатсионӣ, Садиқова Шукрона Карчаевна, лоиқи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, мудири кафедраи**
**назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди рушди**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Т.Ҷ. Усманова**

**Имзои профессор Т.Ҷ. Усмановаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва коргузории ДТТ, н.и.с.** **Рахматулло Нусратулло**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.
Тел. / факс: +992 90 488 69 31; (+992-37) 2 34 79 88.
E-mail: tufa1953@mail.ru; rectorat@tut.tj, rectorat-tut@mail.ru. URL: www.tut.tj